Ба шурои диссертатсионии 6.D.KOA -063-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734065, ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)
(почтаи электронӣ: info@iutet.tj. https://www.iutet.tj)

Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи «Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

Рушди устувори иқтисодиёти миллӣ пеш аз ҳама ба фаъолияти самараноки бахши соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории саноатӣ ва сатҳи рушди инфрасохтори он вобастагии калон дорад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ соҳибкории саноатӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт ва таъмини даромади буҷети давлатӣ тавассути андозҳо баромад менамояд. Аз ин рӯ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ, тақвияти иқтидори истеҳсолӣ ва дастгирии давлатии он яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат маҳсуб меёбад. Дар шароити муосири хоҷагидорӣ рушди соҳибкории саноатӣ бидуни ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, истифодаи имкониятҳои рақамӣ ва ташаккули инфрасохтори зарурии истеҳсолию иқтисодӣ ғайриимкон мебошад. Рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун омили муҳими тағйирёбии равандҳои истеҳсолӣ, идоракунӣ ва хизматрасонӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ имкониятҳои нав фароҳам меоварад, ки ин раванд истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, низомҳои рақамии идоракунӣ, воситаҳои муосири таҳлили маълумот ва автоматиконии равандҳои истеҳсолиро дар бар мегирад. Маҳз истифодаи чунин имкониятҳо ба субъектҳои соҳибкории саноатӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти истеҳсолиро коҳиш дода, сифати маҳсулотро беҳтар намоянд ва мавқеи рақобатии худро дар бозор тақвият бахшанд.

Дар баробари ин, рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба ҷалби сармоягузорӣ, дастрасӣ ба

захираҳои молиявӣ, омодасозии кадрҳои соҳибихтисос ва ташаккули муҳити мусоиди институтсионалӣ ниёз дорад. Бе фароҳам овардани заминаи устувори молиявию техникӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ ва дастгирии ташаббусҳои инноватсионӣ фаъолияти самараноки корхонаҳои саноатӣ душвор мегардад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба рушди соҳибкории саноатӣ, муайян намудани имкониятҳои рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва такмили механизмҳои дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ аҳаммияти назариявию амалии муҳим дошта, мубрамияти мавзуи таҳқиқоти анҷомдодаи Одилзода Исмоил Одилро муайян менамояд.

Дар диссертатсия муаллиф аз усули системавии таҳқиқот истифода намудааст, ки тавассути он пайдарҳамии мантиқии андешаҳо, таҳлилу баррасии маълумот, натиҷагирӣ ва хулосабарорӣ ба ҳамдигар мутобиқ ва асоснок гардидаанд. Ҳамзамон, омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва таҳлили вазъи воқеии рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон, барои муайян намудани омилҳои асосии таъсиррасон ба фаъолияти субъектҳои соҳибкории саноатӣ заминаи зарурӣ фароҳам овардааст.

Навгониҳои илмии рисола дар асосноккунии самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, таҳияи равишҳои арзёбии сатҳи рақамикунонии корхонаҳои саноатӣ ва пешниҳоди механизмҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо ифода меёбанд. Муаллиф масъалаҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ дар равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунӣ, такмили инфрасохтори рақамӣ, баланд бардоштани сатҳи омодагии кадрҳо ва тақвияти дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории саноатиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Мавҷудияти чунин пешниҳодҳои илмӣ арзиши назариявӣ ва амалии рисоларо баланд бардошта, аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро тақвият мебахшад.

Самтҳои назариявии таҳқиқоти илмӣ ба омӯзиши асосҳои илмию назариявии рушди соҳибкории саноатӣ, муайян намудани моҳият ва нақши рақамикунонии иқтисодиёт дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, инчунин асосноккунии роҳҳо ва механизмҳои истифодаи технологияҳои муосир дар равандҳои истеҳсолӣ бахшида шудаанд. Муаллиф масъалаҳои мазкурро аз нуқтаи назари илмӣ ва методологӣ мавриди таҳлил қарор дода, заминаҳои назариявии рушди соҳибкории саноатиро дар шароити дигаргуншавии рақамии иқтисодиёт асоснок намудааст. Дар рисола хусусиятҳои асосии соҳибкории саноатӣ, нақши

технологияҳои рақамӣ дар такмили фаъолияти истеҳсолӣ, аҳаммияти инноватсияҳо ва зарурати ташаккули инфрасохтори рақамӣ дар рушди субъектҳои хоҷагидор баррасӣ гардидаанд.

Муаллиф омилҳои асосии таъсиррасон ба фаъолияти субъектҳои соҳибкории саноатиро дар шароити муосири иқтисодӣ муайян намуда, таъсири муҳити иқтисодӣ, имкониятҳои сармоягузорӣ, таъминоти кадрӣ ва сатҳи рушди инфрасохтори рақамиро ба фаъолияти корхонаҳо мавриди омӯзиш қарор додааст.

Муаллиф дар доираи таҳқиқот на танҳо самтҳои афзалиятноки рақамикунонии соҳибкории саноатиро муайян намудааст, балки роҳҳои такмили механизмҳои дастгирии иқтисодию молиявӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкориро низ пешниҳод кардааст. Ин пешниҳодҳо метавонанд барои суръат бахшидан ба равандҳои рақамикунонӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, беҳтар намудани сифати маҳсулоти саноатӣ ва тақвияти рақобатпазирии корхонаҳо мусоидат намоянд. Дар маҷмуъ, натиҷаҳои бадастомада аҳаммияти назариявию амалии рисоларо баланд бардошта, барои муайян намудани самтҳои минбаъдаи рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт заминаи мусоид фароҳам меоваранд.

Дар баробари бурдбориҳо, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Дар қисми назариявии таҳқиқот масъалаҳои муқоисавии таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар рушди соҳибкории саноатӣ метавонистанд бо назардошти хусусиятҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои истеҳсолии вилояти Хатлон муфассалтар баррасӣ карда шаванд.

2. Сифати таҳқиқот боз ҳам беҳтар мегардид, агар механизми татбиқи технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳои саноатӣ бо муайян намудани марҳилаҳои асосии амалисозӣ, хароҷоти зарурӣ ва нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии иқтисодии онҳо мушаххастар пешниҳод карда мешуд.

Бо вуҷуди ин, эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба аҳаммияти илмӣ, мазмун ва сатҳи таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил ба яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ ва амалии иқтисодиёти муосир — рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бахшида

шудааст. Дар автореферати диссертатсия масъалаҳои назариявию амалии рушди соҳибкории саноатӣ, такмили механизмҳои ташкилию иқтисодии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди саноат дар мисоли вилояти Хатлон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти назариявию амалӣ буда, метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, корхонаҳои саноатӣ, сохторҳои дастгирии соҳибкорӣ ва ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди саноат ва рақамикунонии иқтисодиёт истифода гарданд.

Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот, аҳаммияти илмӣ ва амалии пешниҳодҳои манзургардида, инчунин мутобиқати мазмуну муҳтавои автореферат ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи «Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)» дар сатҳи зарурии илмӣ ва методологӣ таҳия гардида, ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад. Бо ин асос, диссертант Одилзода Исмоил Одил сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

Тақризидиҳанда:
Мудири шуъбаи бозори молиявӣ ва
идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории
Институти иқтисодиет ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисоди, досент **Шарифзода Б.М.**

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М. -ро тасдиқ мекунам:

Инспектори кадрҳои
ИИД АМИТ **Махсутшоева З.**
17.10.2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе 734024, кӯчаи С. Айнӣ 44
почтаи эл.: info@ied.tj, Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65
Факс: +992 (37) 221-67-50